*Мӯҳсин Умарзода*

# Тиргон — ҷашни ниёкон

Тиргон яке аз ҷашнҳои бисёр қадимаи кишоварзӣ ва деҳқонии мардуми мо аст, ки дар радифи Наврӯз, Сада, Меҳргон қарор дошта, аз қаъри ҳазорсолаҳо то ба рӯзгорони мо расидааст. Ин ҷашн ҳар сол сездаҳуми моҳи тир оғоз меёбад, ки баробар аст бо панҷуми моҳи июли солшумории мелодӣ. Азбаски сездаҳуми моҳи тирро «тиррӯз» мегӯянд ва, ба ҳамин тариқ, вожаи «тир» дар ин рӯз ду бор (чун номи рӯз ва чун номи моҳ) ба забон гирифта мешавад, ин ҷашнро «Тиргон» номидаанд.

Умари Хайём дар «Наврӯзнома» дар бораи моҳи тир менависад: «Ин моҳро бад-он тирмоҳ хонанд, ки андар ӯ ҷаву гандум ва дигар чизҳоро қисмат кунанд ва тири офтоб аз ғояти баландӣ фуруд омадан гирад ва андар ин моҳ офтоб дар бурҷи саратон бошад ва аввали моҳ аз фасли тобистон бувад» («Ошно», шумораи 4, 1371 ҳиҷрӣ, саҳ.26).

Номи «Тир» дар забони овистоӣ ба сурати «Тиштирйа» ва «Тиштрйа», дар паҳлавӣ ба шакли «Тиштар» омадааст. Тир ситораест, ки миёни тобистон тулӯъ мекунад ва ба гунаи аспи сафед ва дурахшон аз канори дури осмон намоён мешавад. Ӯ сиришти об дорад, ки нажодаш аз Апем-Напот—худои об сарчашма гирифтааст. Дар Овисто Тир пайваста бо сифатҳои «ройуманд» ба маънии дорандаи ҷалолу шукӯҳ ва рӯшноӣ ва инчунин «фарраманд» ба мафҳуми соҳиби фарра (бузургворӣ ва фармонравоӣ) зикр мегардад.

Кишоварзон Тирро, ки ситораи борон ва эзиди борон аст, мепарастиданд ва барои ӯ комёбӣ ва пирӯзӣ орзу доштанд, то вай бо деви хушкӣ ва беборонӣ пайкор ва мубориза намуда, саранҷом ӯро шикаст диҳад ва обҳои осмониро ба замон фурӯ резад.

Яке аз яштҳое, ки дар дафтари саввуми Овисто бо номи «Тиряшт» омадааст, саросар ба тафсилоти устураи (афсонаи) эзиди Тир бахшида шудааст. Ӯро одамони некӯкор ҳам, бадкор ҳам дар намоз меситоянд: «Тир, ситораи ройуманди фаррамандро меситоем, он, ки сутурони хурду бузург ва мардумоне ҳам, ки пеш аз ин ситамкор буданд ва аз ин пеш ба бадкирдорӣ даст ёзиданд, ҳама ӯро чашм ба роҳанд: «Кай Тири ройуманди фарраманд барои мо сар бароварад? Кай ҷашмаҳои об ба нерӯмандии асбе дигар бора равон шавад?».

Дар Овисто ёдовар шудааст, ки пас аз пайдо шудани ситораи Тир борон фавран намеборад ва то оғози борон якчанд муддат мегузарад. Дар нахустин даҳ шаб Тир колбади астуманд (қолиби бадан дар ҷаҳони моддӣ) ба худ гирифта ва бо пайкари марде шонздаҳсолаи дурахшони равшанчашм, бисёр нерӯманду тавоно ва чобук дар фурӯғи (рӯшноии) гетӣ парвоз мекунад. Тир дар дуввумин даҳ шаб бо пайкари гове зарриншох, дар саввумин даҳ шаб бо пайкари аспи сафеди зебое бо гӯшҳои заррин ва бо лаҷоми зарнишон дар фурӯғ парвоз мекунад. Пас аз он ба дарёи Фарохкарт фуруд меояд.

Дар ин ҳангом деви Апӯш, ки душмани Тир аст, бо колбади аспи сиёҳи ваҳшатангези ёлу думаш бемӯй рӯ ба рӯи Тир пайдо мешавад. Апӯш тимсоли тобистони хушку сӯзон дар сарзаминҳои эрониён мебошад. Ҳар ду-се шабонарӯз бо якдигар меҷанганд. Дар ин ҷанг эзиди Тир аз деви хушксолӣ сахт шикаст мехӯрад ва аз дарёи Фарохкарт дур ронда мешавад. Он гоҳ Тир аз дарду алам нолаву зорӣ мекунад:

«Вой бар ман, эй Аҳурамаздо! Бадо ба рӯзгори шумо, эй обҳо, ай гиёҳон! Тирарӯзӣ бар ту, эй дини маздопарастӣ! Акнун мардумон маро дар намоз ном намебаранд ва намеситоянд! Агар мардумон маро дар намоз ном баранд ва биситоянд,—чунон, ки дигар эзидонро ном мебаранд ва меситоянд,—ман нерӯи даҳ асп, нерӯи даҳ уштур, нерӯи даҳ гов, нерӯи даҳ кӯҳ ва нерӯи даҳ оби Невтокро биёбам».

Аҳурамаздо пас аз он эзиди Тирро меситояд ва ҳамаи он чизҳоеро, ки Тир хоста буд, ба ӯ мебахшад. Дар натиҷа Тир ва Апӯш бо якдигар меҷанганд то ҳангоме ки Тир бар Апӯши дев пирӯз мегардад. Тир бо хурӯши шодкомӣ ва растагорӣ мегӯяд:

«Хушо ба рӯзгори ман, эй Аҳурамаздо! Хушо ба рӯзгори шумо, эй обҳо, эй гиёҳон! Хушо ба рӯзгори ту, эй дини маздопарастӣ! Хушо ба рӯзгори шумо, эй кишварҳо! Аз ин пас—бе ҳеҷ боздорандае—об дар ҷӯйҳои шумо бо базрҳои дуруштдона ба сӯи киштзорҳо ва бо базрҳои рездона ба сӯи чарогоҳҳо, ба ҳама сӯи ҷаҳони астуманд равон гардад».

Аз он пас дар Овисто ҷараёни обҳо ва чашмандози (манзараи) зебои табиат тасвир меёбад:

«Он гоҳ меҳ (бухори обҳо) аз он сӯи Ҳинд, аз кӯҳе ки дар миёнаи дарёи (баҳри) Фарохкарт ҷой дорад, бархезад.

Пас он гоҳ меҳи поки падид оварандаи абр ба ҷунбиш дарояд. Боди нимрӯзӣ (ҷанубӣ) вазидан оғозад ва меҳро ба пеш...биронад. Пас боди чолоки Маздоофарида борону абр ва тагаргро (яхчаҳоро) ба киштзорҳо ва хонумонҳои ҳафт кишвар бирасонад...

Селоби боронҳои пуршитоб, обҳое ки ҷӯшону хурӯшон дар ҳафт кишвар пароканда шаванд, дар ин абрҳост...

Обҳои истода ва равон, чашмаву ҷӯйбор...ҳама Тирро, ин эзиди борон ва ситораи боронро орзуманданд ва чашм ба роҳи ӯ мебошанду мегӯянд: «Кай чашмаҳо ба сӯи киштзорҳои зебо, хонумонҳову даштҳо равон шаванд ва решаҳои гиёҳонро аз тарии хеш намӣ бубахшанд?»...

Ин обро Тири тавоно ба кишварҳое бахш кунад, ки мардумони онҳо ӯро биситоянд, гиромӣ бидоранд, хушнуд кунанд ва хушомад гӯянд. (Овисто, «Тиряшт», саҳ. 329-343).

Дар рисолаи паҳлавии «Бундаҳишн» омадааст, ки дар оғоз, вақте хиради палид ба зидди хиради муқаддас ситеза намуд, Тир ба ёрии хиради муқаддас бархоста, муддати сӣ шабонарӯз дар миёни фурӯғ (рӯшноии эзидӣ) парвоз карда, саъй намуд то даҳ шабонарӯз борон борид ва аз асари он борандагӣ, ба андозаи қади як мард, об дар рӯи замин боло омад. Ва ҷонварони зарарнок ҳалок шуданд. Он гоҳ боди эзидӣ вазидан гирифта, обҳоро ба дуртарин нуқтаҳои ҳудуди замин бурд ва аз он дарёи (баҳри) Фарохкард падид омад. Лошаи ҷонварони зарарнок дар замин бимонд ва аз онҳо уфунат (бадбӯӣ) падид омад. Тир барои он, ки рӯи замин аз заҳр пок шавад, дуввумин бор ба сӯи дарё шитофта, бо деви хушкӣ ҷанг карда, ӯро дур андохт. Пас бороне борид, ки ҳар қатраи он ба калонии каллаи гов ва каллаи инсон буд. Яке аз девҳои зидди Тир, ки ҳамроҳи Апӯш бо ӯ меҷангиданд, Спинчакар ном дошт. Аз зарбати гурзи Тир фарёде аз ниҳоди Спинчакар бархост, ки ин фарёд ҳамон аст, ки ҳанӯз ҳам пеш аз борандагӣ аз раъд (тундар) шунида мешавад. Аз чирку заҳре ки аз ҷонварони зарарнок дар рӯи замин монда, бо об омехта шуда буд, оби шӯри дарёҳо (баҳрҳо) ба вуҷуд омад. («Асотир ва фарҳанги Эрон». 1374, саҳ. 475).

Чанд устураи дигар низ аз таърихи пайдоиши ҷашни Тиргон дар маъхазҳои гуногун, аз ҷумла дар «Таърих ар-русул вал-мулук»-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, ки бо номи «Таърихи Табарӣ» машҳур аст, инчунин дар «Таърихи Балъамӣ», «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ва бавижа (махсусан) дар «Осор-ул-боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ, дар баъзе бештар ва дигаре камтар, вале бо андаке тафовут нақл шудаанд.

Табарӣ бо ишора ба ду ҷанбаи русуми Тиргон, ки яке ҷашни зироатгарон ва дигаре ҷашни сулҳу оштӣ миёни Манучеҳру Афросиёб будааст, менависад: «Манучеҳр одил ва некӯкор буд ва нахустин касе буд, ки расми деҳқонӣ падид овард. Барои ҳар деҳкада деҳқоне муайян кард...Афросиёб пас аз кушта шудани Тур ва Салм ба ҷанги Манучеҳр омад ва ӯро дар Табаристон муҳосира кард. Он гоҳ Афросиёб ва Манучеҳ сулҳ карданд, ки тири яке аз мардони Манучеҳр ба ном Аршётир (Ораш—М.У) ҳар куҷо расад, онро ҳудуди мамлакат донанд ва таҷовуз аз он раво надоранд. Ва Аршётир тире дар камон ниҳод ва раҳо кард. Бисёр нерӯ дошт ва тираш аз Табаристон то рӯди Балх (Амударё—М.У) расид. Аз тири Аршётир ҷанг миёни Афросиёб ва Манучеҳр ба поён расид. («Таърихи Табарӣ», ҷ.1. саҳ. 289-290).

Абӯрайҳони Берунӣ рӯзи тирандозии Ораши камонгирро ба сӯи марзи Эрону Турон ҳамин рӯзи сездаҳуми моҳи Тир медонад ва ҷашни Тиргонро ҷашни оштӣ миёни эрониёну туронием мешуморад.

«Рӯзи сездаҳуми он рӯзи тир аст,—мегӯяд Берунӣ,—ва идест, ки «Тиргон» ном дорад барои иттифоқи ду ном. Ва барои ин ду сабаб аст: яке он аст, ки Афросиёб чун ба кишвари Эрон ғалаба кард, Манучеҳрро дар Табаристон дар муҳосира гирифт. Ва қарор бар ин ниҳоданд, ки марзи Эрону Турон бо партоби тире муайян шавад. Дар ин ҳангом фаришта Исфандормуз ҳозир шуд ва фармон дод то тиру камоне, чунон, ки дар Исто (Овисто) баён шудааст, баргузинанд (интихоб кунанд). Он гоҳ Орашро, ки марди шарифу ҳаким ва диндоре буд, барои андохтани тир биёварданд. Ораш бараҳна шуд ва бадани хешро ба ҳозирон бинамуд ва гуфт: «Эй подшоҳ ва эй мардум! Ба танам бингаред. Маро захм ва беморӣ нест, аммо яқин дорам, пас аз андохтани тир пора-пора шавам ва фидои шумо гардам».

Пас аз он Ораш даст ба чиллаи (зеҳи) камон бурд ва бо нерӯи худодод тир аз шаст раҳо кард ва худ ҷон дод. Худованд ба бод фармон дод то тирро нигаҳдорӣ кунад. Он тир аз кӯҳи Рӯён ба дуртарин нуқтаи ховар—ба Фарғона расид ва ба решаи дарахти гирдаконе (чормағзе), ки дар ҷаҳон бузургтар аз он дарахте набуд, нишаст. Он ҷоро марзи Эрону Турон шинохтанд. Гӯянд, аз он ҷо, ки тир партоб шуд, то ба он ҷое ки фурӯ нишаст, шаст ҳазор фарсанг фосила аст. Ҷашни Тиргон ба муносибати оштӣ миёни Эрону Турон барпо мешуд». («Осор-ул-боқия», саҳ. 239-240; Овисто, ҷилди 2, саҳ. 898).

Берунӣ сабаби дуввуми номи «Тиргон» гирифтани ин ҷашнро чунин шарҳ додааст: «Даҳуфазия, ки маънои он ҳифзу нигаҳбонии дунё ва фармонравоӣ дар он аст; инчунин «деҳқанат», ки маънии он ободонӣ ва таъмири дунё ва зироату тақсими (ҳосили) он аст, ҳар ду (яъне «даҳуфазия» ва «деҳқанат») бо ҳам тавъаманд (қарину ҳамзоданд). Имрони (ободонии) дунё ва пойдории олам (вобаста ба) онҳост. Фасоди олам бо онҳо ислоҳ мепазирад...Аммо «даҳуфазия» аз Ҳушанг содир шуда ва «деҳқанат»-ро бародари ӯ Вейкард расм намудааст. Ва номи ин рӯз Тир аст, ки Уморид бошад, ки ситораи нависандагон аст. Дар ин рӯз буд, ки Ҳушанг номи бародари худро бузург гардонид ва деҳқанатро ба ӯ дод. Ва деҳқанату китобат як чиз аст ва ин рӯзро аз роҳи ҷалолияту иъзом (шукӯҳу бузургӣ ва фиристодани сафир ҷашн гардониданд.

Ва дар ин рӯз Ҳушанг мардуми дунёро амр кард, ки либоси котибӣ пӯшанд. Деҳқононро низ ба ҳамин кор амр кард. Ва аз ин рӯз шоҳону деҳқонону мӯбадон ва ғайри эшон ин либосро пӯшиданд. То рӯзгори Гушмосп аз роҳи ҷалолияти китобат ва афзалияти деҳқонон ин расм боқӣ бувад. Ва дар ин рӯз (тиррӯз) эрониён ғусл (оббозӣ ва шустушӯ) мекунанд».

Дар бораи ин, ки Тир инчунин ситораи дабирӣ (нависандагӣ ё котибӣ) аст ва номи дигари ӯ Уторид мебошад, устод Рӯдакӣ низ мефармояд:

**Зераш Уторид он, ки нахони-ш ҷуз дабир,**
**Як номи ӯ Уториду як номи ӯст Тир.**

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадааст: «Тир.—нуҷумӣ, сайёраи Аторуд, ки дар ҳайати қадим ба шакли котиб тасвир мешуд.

**Тир монандаи дабир омад,**
**Муштарӣ хозину вазир омад.**
Саноӣ».

Чунон, ки қаблан гуфтем, ҷашни Тиргон дар рӯзҳои тобистон баргузор мешавад, ки он вақт зироат аз гармо мӯҳтоҷи обёрӣ мегардад. Мардум барои он, ки таваҷҷӯҳ ва эътибори фариштаи борон (эзиди Тир)-ро ба киштзорҳояшон ҷалб карда, боиси борон шаванд, ба лаби ҷӯйборон, ҳавзҳо ва рӯдҳо рафта, маросими гуногуни вобаста ба обу обёриро ба ҷо меоварданд, инчунин ба якдигар об мепошиданд, ки ин расм «Обрезон» ё «Обрезгон», «Обпошон» номида мешгуд, дар баъзе маҳалҳо онро «Ашағлон» мегуфтанд. Мафҳуми вожаи «ашағлон» равшан нест, вале гумон мекунам, ки шояд як номи суғдиифариштаи борон буда, бо Тир, ситораи борон, пайванде дошта бошад.

Доктори илми таърих Николай Кисляков, ки солҳои сол дар Тоҷикистон зиндагӣ ва кор карда, аз таърихи нажоди тоҷикон тадқиқоти зиёди гаронбаҳое (140 асари илмӣ) ба анҷом расонидааст, мегӯяд, ки дар Осиёи Миёна расму ойини барангехтани борон бо номҳои «ашағлон», «ӯмочи башир» ва ғайра маълум буд. Дар маросими «ашағлон» лӯхтаки калонеро аз чӯб тарошида, онро ба пушти бузаке мешиनонданд ва суруд мехонданд:

**Ашағлони ростина,**
**Як бор бичунбон остина.**
**Ғаллаи сабзмон қоқ шудаст,**
**Як бор бирезон борона.**

Ҳангоми ҷашн бузро бо лӯхтак дар кӯча гардиш медоданд ва наздикону ҳамсояҳо аз хонадонҳояшон берун омада, ба лӯхтак об мепошиданду ба иштирокдорони роҳпаймоӣ нозу неъмат инъом мекарданд то аз онҳо бихӯранду бипазанд. Пас аз он мардум ба якдигар об мепошиданд. Дар баъзе дигар ҷойҳо «ӯмочи башир» пухта, зиёфат меоростанд, (мисли ин, ки дар Наврӯз суманак мепазанд), баъд яке аз ҳозиронро ба оби ҳавз ё рӯд меандохтанду шурӯъ ба обпошӣ менамуданд. («Асотир ва эътиқодот...», саҳ. 186).

Мардум якчанд рӯз муқаддам омодаи ҷашн мешаванд, асбобу анҷоми аз кор афтода ва ё шикастаи хонаводаро бароварда мепартоянд, хонаю рӯи ҳавлиро тозаю тамиз мекунанд. Дар баъзе маҳалҳо кӯдаконро оббозӣ доронда мегуфтаанд: «Об—оби хоб, об—оби беғамӣ; об аз нур, мо аз хок; об—хароб, лӯлак—фарбеҳ».

Бинобар гуфтаи Берунӣ ҷашни рӯзи сездаҳуми моҳи тирро Тиргони Кӯчак ва рӯзи чордаҳуми онро Тиргони Бузург меномидаанд, ки шаш рӯз идома доштааст.

# Таҳлили аҳвол чиро нишон дод?

***Дар тамоми ҷаҳон 26 июн ба сифати Рӯзи мубориза бар зидди нашъамандӣ, ки бо қарори Созмони Милали Муттаҳид қабул гаштааст, қайд мегардад. Дар Тошканд ба ин муносибат намояндагии минтақавии УКНПП-и Созмони Милали Муттаҳид , ки он Садорати оид ба назорати нашъамандӣ ва огоҳии ҷиноят мебошад, маҷлиси худро дар тӯли се рӯз анҷом дод.***



Ин маҷлис, ки худ як ҳисоботи муфассали намояндагии ин шӯъбаи СММ дар ҷумҳуриҳои ҳамсояи Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон буд, ки барои ин ҷумҳуриҳо мубориза зидди қочоқ ва истеъмоли моводи мухаддар падидаи тозаест, ки аз нимаҳои солҳои 90-уми қарни гузашта шурӯъ гардид. Бар замми он вазъияти беназорати давлати Толибон дар Афғонистон аҳволи ҷумҳуриҳои собиқи шӯравиро танг мекард, ки дар он сарзамини бесоҳиб беш аз 75 фоизи тамоми захираҳои моводи мухаддири бозори ҷаҳонӣ рӯёнда мешуд. Ва ин «маҳсулоти» бозоргир бояд ба хориҷ баровард, фурӯхта мешуд, ки яке аз роҳҳои транзити он ҷониби шимоли мамлакат, яъне сарҳадҳои ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буд, ки танҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҳади шимолии Афғонистон беш аз ҳазор километрро ташкил менамояд.

Анҷумани минтақавии мушкилоти нашъамандиро Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов табрик намудааст, ки ин паёмро ба ҳозирон вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон Абдулазиз Комилов қироат намуд.

Дар анҷуман ҷонибҳои созмондиҳандаи он аз Австрия, Намояндагии урупоии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, Оҷонсии ИМА оид ба ҳамкории байналмилалӣ, САҲА сухан ронда, ба кори он муваффақият хостанд.

Намояндаи минтақавии УКНПП дар Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Деледда низ аз ҳамкории хизматҳои кишварҳои гуногун дар ҷодаи мубориза ба муқобили нашъамандӣ изҳори миннатдорӣ намуд.

Аз рӯи баъзе маълумотҳо фаҳмида мешавад, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ паҳн гардидани нашъамандӣ нисбат ба баъзе мамлакатҳои Урупо зиёдтар будааст. Фаразан дар Британияи Кабир ба ҳар сад ҳазор нафар аҳолӣ нашъамандон 580 нафар, ё худ дар Италия 569 нафарро ташкил медодааст, дар ҳоле ки ин нишондод дар Қазоқистон аз 1 ҳазору 110 то 1.251 нафар, дар Қирғизистон 1.644-2054 нафар, Ӯзбекистон 262-367 нафар мебошад. Ва албатта дар ин рақамҳо танҳо он тоифае ифода ёфтааст, ки дар ин ё он муассисаи табобатӣ ва ё созмон сабти ном гаштаанд.

Аз рӯи маълумоти коршиносон дар Осиёи Марказӣ ҳероин моводи серистеъмолтар гаштааст, ки як грамми пастсифати онро ба 1-2 доллар харид кардан мумкин аст. Инчунин маълум гаштааст, ки синни нашъамандон торафт «ҷавонтар» мегардад, яъне тоифаи ҳарчи ҷавони аҳолӣ ба ин гирдоб бештар ҷалб мегарданд, ки дар ин асно ба афзудани занони нашъаманд низ ишора гаштааст. «Самараи» ҳамаи ин пӯшида намемонад, зеро дар оқибати кор дар заминаи нашъамандӣ ҷиноят низ рӯ ба афзоиш аст.

Аз ҳамаи ин суханрониву маърӯзаҳо маълум мегардад, ки дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба муборизаи зидди транзити моводи мухаддар бояду шояд омода нест ва бо назардошти он ки ин проблема коста намегардад, ба он ишора гардид, ки дар масъалаи аз ин минтақа убур нашудани ин моддаҳои афъюнӣ ба кишварҳои минтақа ҷамъияти ҷаҳон кӯмак расонда, на танҳо бар зидди наркотрафик, балки барои кам кардани талаб ба ин мол мубориза баранд.

Дар барномаи анҷуман намоишҳои аёнӣ низ ҷой дода шудаанд, ки яке аз онҳо консерте буд, ки дар қасри «Туркистон» ба ин муносибат барпо шуд. Иштирокдорони анҷуман инчунин дар канори пойтахт қисме аз ин моводи маргзоро (2.230кг.) оташ зада, сӯзонданд, ки аз тоҷирони нашъа мусодира гаштааст.

**Т.ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# «Имконияти охирин»

Дар Хонаи киноӣ ҷумҳурият маросими муаррифии филми ҳуҷҷатии коргардон Нозим Аббосов «Имконияти охирин» ба амал омад. Филми мазкур, ки дар студияи филмҳои илмиву оммавии Ӯзбекистон ба навор бардошта шудааст, талқини бадеии роҳи ҳаётӣ ва комёбиҳои ҷарроҳи номдор - онколог Ғолиб Ҳакимовро дар бар гирифтааст.

Ғолиб Ҳакимов соли 1960 дида ба дунё дар Андиҷон кушодааст, ҳамчун доктори аз ҳама ҷавони илм маълум аст, ки аз онкологҳои номдори ҷаҳон сабақ бардоштааст. Вай аз соли 1996 боз дар Пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии онкология кор мекунад. Табиби ҳозиқ мунтазам усулҳои ҷарроҳиро вусъату такмил дода, дар бобати табобати саратон истифода бурда, баҳри дар амалия татбиқ гардидани онҳо саҳми муносиби худро мегузорад.

Дар филм бо кӯмаки лаҳзаҳои нозуки бадей фаъолияти серқирраи ҷарроҳ, навгониҳои ӯ татбиқ карда, диққату эътибори вай нисбати тарбияи авлоди солим дар мамлакатамон, ҳамчунин миннатдории беморони зиёде нишон дода шудаанд, ки баъди ҷарроҳии бомуваффақият саломатии худро аз нав барқарор кардаанд.

**Ҳулкар СОДИҚОВА,**
**мухбири ӮзА.**



**Ба ҷои муборакбодӣ**

# Адиби хушсалиқа

Рӯзноманигор ва ҳаҷвнигори номӣ Абдуғанӣ Абдувалиеви намангонӣ 60 сола шуд. Номи ӯро дӯстдорони ҳазлу мутоиба саросари кишвари офтобрӯямон хеле хуб мешиносанд. Аз хирмани 60 солаи умри хеш акои Абдуғанӣ 40 солашро ба эҷоди бадей харҷ намудааст. Анқариб 20 сол дар кӯмитаи радиошунавонии вилоят кор карда қисми боқимондаи рӯзгори хешро бо рӯзномаи вилоятии «Намангон ҳақиқати» пайвастааст. Феълан дар вазифаи мудири шуъбаи фарҳанги рӯзнома кор мекунад. Акои Абдуғанӣ дар ҷодаи душвору мураккаби эҷоди бадей - ҳаҷвнигорӣ заҳмат мекашад. Маҳсули қаламӣ ӯ аллакай дар дилу дидаи хонандагони сершумору мунаққидони бориксанҷ ҷои худро дарёфтааст. Ба қавли нависандаи халқии Ӯзбекистон Саид Аҳмад - «Дар саросари ҷумҳуриамон ду ҳаҷвнигори лабу лаҳҷадор мавҷуд аст: яке Ниғмат (Неъмат Аминов) дуввумӣ Абдуғанӣ».

Маҳсули заҳмати чандинсолаи адиб қиссаҳои «Ассалому алайкум», «Кафкӯбиҳо давом доранд», «Саломат бошанд», «Мактуби марҳум», «Аҳмақ» ва ҳикояҳои ҳаҷвии «Ҳайкали ғароиб», «Ангиштсанг», «Шири буз», «Замин чарх мезанад», «Мурғи сиёҳ», «Устои хонагӣ» ва ғайра аз ҷониби дӯстдорони ҳазлу мутоиба хуш пазируфта шудаанд.

Шаст даври камолоти инсонист. Ба ҳамкасбу устод Абдуғанӣ Абдувалиев дар айёми муборакӣ зиндагӣ тансиҳҳатии бардавом, саодати оилавӣ ва комёбии эҷодӣ таманно дорем.

**А.НУРИДДИНОВ.**

**А.АБДУВАЛИЕВ.**

# «Маро навиштааст»...

*(Ришханд)*

Бародар, дар дастатон чист? «Муштум»? О, ҳамин «Муштум» гуфтагеш ҳоло ҳам мебарояд? Ман ҳеҷ намебинам-ку? Ё ба ноҳияҳо намефиристанд? Хӯш, чиро навиштааст? Ҳикоя! Э-э, ҳозир ки ҳам ҳикоя мехонад? Ҳама дилбастаи «Спортлото». Қаҳрамони ҳикоя ба шумо монанд гуфтед-ку, ин тараф диҳед,чӣ? Хӯ-ӯш, Маҳмуд гуфтагӣ... ша-а-хс ситорaро бе нардбон мезанад-у... хӯш, вой, паразит, всё, точно маро навиштааст. Аблаҳ, аммо, «хумкалла, гуфтанаш нодуруст... Андозаи шляпаи ман 55 аст. Хӯ-ӯш, ӯ до-о-им аз зани хурдиаш чун аз Азроил метарсад. Инаш дуруст, метарсам-дия. Зан Азроила худи худаш. Хӯ-ӯш, ба роҳ-ба-рон тез-тез дароз карда меистад. Вой, паразит, дидагӣ барин точна навиштааст. Надиҳем, ҳаёт нест-дия...

Чӣ гуфтед? Давомашро хонед мегӯед? Давом ҳам дорад ин сабилмонда? Хӯш, э-э, ин тараф будааст. Хӯш, поруи ми-не-ра-ли-ро ҷои саҳро фиристодан ба ҳавлии раис бурдааст... Ин ҳам дуруст. Иқтисоди бозаргонӣ. Кӣ пул диҳад, ба ҳамон мефиристем-дия. Хӯш, газро қатъ мекунаду аҳолиро дар хунукӣ мемонад. Ба соҳибони гармхонаҳои порадода газ медиҳад... Оши палаву зиёфатҳоро дӯст ме-до-рад. Аслан вай фарзанди мусулмонҳои зоташ тоза. Вой, паразит, точна маро навиштааст. Раҳматӣ падарам, одами ҳалол буданд. Хӯ-ӯш, зимни суханронӣ ба ҳар як гапаш калимаҳои русиро ҳамроҳ мекунад. Ба қо-ну-ни за-бо-ни дав-ла-тӣ амал намекунад. Вой, аблаҳ, ин ҳикоя не, пелетон магар. Ин хел гӯям, фамилияи ман нест. Точний навиштан даркор!

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи**
**Д.БӮТАЕВ,**
**А.НУРИДДИНОВ.**

**Оид ба ҷамъбасти мусобиқоти XVII ҷаҳон аз рӯи футбол**

# Аксари пешгӯиҳо пуч баромаданд

Мусобиқоти XVII ҷаҳон аз рӯи футбол ба анҷом расид. Дар он 62 тими ҷаҳон иштирок намуда, қаҳрамони навбатиро муайян карданд ва бори панҷум ба ин унвони баланд тими яккачини Бразилия мушарраф гардид ва аксар тахминҳоеро, ки дар ин бобат пештар баён шуда буданд, ба пуч баровард. Зеро аксар мутахассисон, шореҳони футбол ва мухлисони сершумор бар он буданд, ки соли кунун ба унвони қаҳрамони асосан тимҳои Фаронса, Англия, Итолиё, Испониё, Уругвай, Аргентина даъвогар мебошанд ва он бесабаб набуд. Тимҳои Англия, Итолиё, Уругвай ва Аргентина дар мусобиқаҳои саракунӣ бармаҳал соҳиби роҳхат ба марҳалаи финалӣ гардида буданд. Масалан, тими Аргентина то чор вохӯрии минбаъда роҳхатро ба даст оварда, даъвогари асосӣ будани худро ҳамон вақт намоиш дода буд. Баробари ин тими Итолиёро чӣ аз ҷиҳати хатти ҳимоя ва чӣ аз хатти ҳуҷум тими беҳтарин донистанд.

Дар ин бобат як нуктаро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Ҳарчанд тимҳои Бразилия чор маротиба (солҳои 1958, 1962, 1970, 1994) ва Олмон се маротиба (солҳои 1954, 1974, 1990) қаҳрамонҳои ҷаҳон гардида, номдор гашта бошанд ҳам дар мусобиқаҳои саракунӣ он қадар хуб ҳунарнамоӣ накарданд. Масалан, тими Бразилия дар бозии охирин соҳиби роҳхат шуда бошад, ба ин роҳхат тими Олмон дар «плей-офф» мушарраф гардид. Вале ба ин нигоҳ накарда, то ба финал расида омаданд.

Дар бораи натиҷаҳои мусобиқа ҳарф зада, таъкид кардан лозим меояд, ки бразилиягиён баъди ҳашт соли тӯлонӣ боз ба худ унвони қаҳрамони ҷаҳонро баргардонданд ва дар кӯчаи онҳо маротибаи панҷум ид ба амал омад. Дар кӯчаи дигар иштирокчии мусобиқаи финалӣ—тими Олмон ба фикри мутахассисон соли 2006 ид хоҳад гардид. Чунки маҳз мусобиқоти ҳаждаҳуми ҷаҳон аз рӯи футбол дар ҳамин мамлакат мегузарад ва шояд олмониён низ орзуи худро дар бобати боз қаҳрамони ҷаҳон гардидан баъди шонздаҳ сол амалӣ гардонанд.

Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Дар мусобиқоти кунунии ҷаҳон нисбати дигар қитъаҳо намояндагони Аврупо бештар иштирок намуданд. Ҳарчанд аз ҷиҳати миқдор тимҳои Қитъаи Амрико камшумор буданд, намояндагони он хеле хуб ҳунарнамоӣ карданд. Аз он ҷумла, тими Амрико ҳамаи тахминҳоро ба пуч баровард. Бурдҳои сершумори амрикоиёнро, чун ғалабаи сенегалиён бар фаронсавиён ҳангомаи мусобиқот номидан мумкин аст. Баробари ин дар мусобиқаҳои нимфиналӣ иштирок намудани тимҳои Туркия ва Куриёи Ҷанубиро ҳам ба шаҳрошӯбӣ мансуб донистан мумкин аст. Охир аз сафи чор тими беҳтарини ҷаҳон ҷо пайдо кардани худ аз худ даст намедиҳад.

Умуман дар марҳалаи гуруҳии мусобиқаҳо 48 вохӯрӣ гузаронда шуда, танҳо даҳ вохӯрӣ якранг анҷом ёфт. Яъне тимҳо 38 маротиба нашъаи ғалабаро ҷашиданд. Ҳисоби аз ҳама калон 8:0 рух дод ва бо ҳамин ҳисоб олмониён бар футболбозони Арабистони Саъудӣ ғолиб омаданд. Ҳисоби маъмул дар мусобиқаҳо 2:1, 3:1 ва 3:0 гардид. Ду маротиба рақибон бо ҳисоби якхела 4:0 ғолиб омаданд. Тимҳои Чин, Арабистони Саъудӣ ба дарвозаи ҳариф ягон тӯб надароварда, майдонро тарк карданд. Ба ҷумлаи тиме, ки дар мусобиқоти ҳабдаҳум ягон тӯб надароварда,Куриёву Ҷопонро тарк кардааст, Фаронсаро даровардан, ба назари кас хандаовар менамояд. Вале дар асл собиқ қаҳрамони ҷаҳон, қаҳрамони Аврупо тими Фаронса мусобиқаи мазкурро ба дарвозаи ҳариф тӯб надароварда тарк намуд ва он ҳангомаи навбатӣ гардид.

Нисбати мусобиқоти гузаштаи ҷаҳон миқдори ғолибоне кам буд, ки дар вақти иловагӣ ва задани тӯбҳои ёздаҳметраи баъди бозӣ ҳуқуқи давом додани ҳарбу зарбро пайдо карданд.

Муваффақияти тими Сенегалро ҳам алоҳида зикр кардан лозим меояд. Ғалабаи он бар тими Фаронса, якранг бо Данияву Уругвай, роҳхат гирифтан ба «плей-офф» муваффақияти калони он мебошад. Баробари ин дар «плей-офф» ғалаба кардан бар тими пуркуввати Шветсия нишон дод, ки дар қитъаи мазкур низ футбол бо суръати баланд инкишоф меёбад. Силсилаи ғалабаи онҳоро танҳо тими сеюми ҷаҳон—Туркия боздошт.

Дар бораи тӯбзанҳо ҳарф зада, таъкид кардан зарур аст, ки танҳо ду маротиба ба футболбозон даст дод, ки дар як вохӯрӣ ба дарвозаи ҳариф сетогӣ тӯб зананд. Ба ин комёбӣ Мирослав Клозеи олмонӣ ва Петро Павлетаи португалӣ муваффақ гардидани онҳо мутобиқан ба дарвозаи тимҳои Арабистони Саъудӣ ва Лаҳистон сетогӣ тӯб заданд.

Умуман дар баҳои тӯбзанҳо пешсафӣ насиби Роналдои бразилиягӣ гардид. Ӯ дар давоми ҳамаи ҳафт вохӯрӣ ба дарвозаи ҳарифон 8 тӯб даровард ва аз ҷиҳати тӯбзанӣ дар мусобиқоти ҷаҳон рекорди ба худ хосро гузошт. Ӯ дар ду мусобиқоти ҷаҳон барои ба дарвозаи ҳариф даровардани дувоздаҳ тӯб мушарраф гардид. Ҳол он ки рекорд то ҳол дар ин бобат ба Пелеи машҳур ва Батистутаи Аргентина мансуб буд. Онҳо мутобиқан дар ду мусобиқоти ҷаҳон иштирок намуда, даҳтоӣ тӯб зада буданд.

Боз далели аҷиб. Пелеи машҳур ҳам ҳамагӣ дар ду бозии финалии мусобиқоти ҷаҳон иштирок намуда буд. Вале ба сарвари тими Бразилия Кафу даст дод, ки се маротиба дар бозии финалии мусобиқоти ҷаҳон иштирок намояд.

Дар мусобиқоти ҷаҳон «ҷазодиҳӣ» барои халалдор сохтани қоидаҳои бозӣ хеле сахт гардид. Аз майдон сенздаҳ нафар футболбоз «пеш» карда шуд. Ва дар ин бобат пешсафи ба тимҳои Туркияву Португалия мансуб ҳаст. Яъне дутогӣ бозингарони онҳо дар як вохӯрӣ аз майдон пеш карда шуданд. Дар боби гирифтани варақаҳои зард ҳам натиҷаи рекордӣ ба даст омад. Алалхусус, довар Антонис Лопес ҳангоми вохӯрии байни тимҳои Олмону Камерун ба 16 нафар варақаи зард нишон дода, ду нафарро бонавбат аз тимҳои мазкур аз майдон ронд ва ин натиҷаҳоро бе ягон муҳобот ба китоби «Рекордҳои Гиннес» шомил гардондан мумкин аст.

Аз таркиби тими рамзии ҷаҳон ҷо пайдо кардани намояндагони Осиё низ муваффақияти калони футболбозони қитъаи мазкур мебошад. Умуман ба ғайр аз тимҳои Арабистони Саъудиву Чин соҳибони майдон—тимҳои Ҷопону Куриёи Ҷанубӣ хуб ҳунарнамоӣ карданд. Ҷопон дар мусобиқаи ҳаштякфиналӣ бохта бошад, Куриё танҳо дар нимфинал аз Олмон мағлуб гардид. Туркия намояндаи қитъаи Осиё Ҷопонро дар ҳаштякфинал мағлуб карда бошад, дар ҳарбу зарб барои ҷои сеюм тими Куриёро ҳам мағлуб сохт.

2002 FIFA WORLD CUP KOREA JAPAN

Умед ҳаст, ки ҳунарнамоии хуби намояндагони қитъаи Осиё барои иштироки онҳо дар мусобиқоти минбаъдаи ҷаҳон имконияти навро фароҳам оварад. Чунки то ҳол ба қитъаи Осиё танҳо чоруним ҷо дода мешуд. Яъне чор тим бевосита ба мусобиқа мерафту як намояндаи он бо дигар тимҳои ғолиб аз қитъаҳои мухталиф дар «плей-офф» қувва озмуда, соҳиби роҳхат мегардид. Шояд ана ҳамин чоруним ҷо бо рақами панҷ мубаддал мегардид.

Алқисса, мусобиқоти навбатии ҷаҳон бори дигар ҳақиқатро дар бобати «майдон ҳамвор асту тӯб кулӯла» исбот карда, аксари пешгӯиву тахминҳоро пуч баровард. Танҳо тахмини Пелеи машҳур ва Беккенбауэри олмонӣ қисман ба ҳақиқат мубаддал гардид. Якумӣ Бразилияро ҳамчун қаҳрамон, дуюмӣ бошад, Олмонро иштирокдори мусобиқаи финалӣ пешгӯӣ карда буданд.

**Э.ТУРДИҚУЛОВ.**

